23 07 2019



**Имрӯз Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон зимни мулокот бо кадрхое, ки ба вазифахои сатхи рохбарикунандаи сохторхои низомӣ ва хифзи хукуку тартибот таъйин гардиданд, иброз доштанд, ки вобаста ба вазъи имрӯзаи чомеаи чахонӣ аз хар як хизматчии одӣ ва рохбари вохиду сохторхои давлативу низомӣ муносибати чиддӣ дар доираи оиннома ва дигар санаду меъёрхои танзимкунандаи фаъолияти соха талаб карда мешавад.**
Бо фармонхои Президенти Чумхурии Точикистон муовинони фармондех, командирони бригада ва кисмхои алохидаи Гвардияи миллии Чумхурии Точикистон, муовини якум ва муовини директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Чумхурии Точикистон аз хисоби хатмкардагони муассисахои олии харбии ватанӣ ва хоричӣ таъйин гардиданд.
Бо карорхои Хукумати Чумхурии Точикистон муовини директори Агентии таъмини амволи махсус, муовини аввал ва муовини директори Агентии сугуртаи ичтимоӣ ва нафакаи назди Хукумати Чумхурии Точикистон, муовини директори Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Хукумати Чумхурии Точикистон таъйин шуданд.

Дар мувофика бо Президенти Чумхурии Точикистон дар муассисахои ислохии Сарраёсати ичрои чазои чиноятии Вазорати адлия ва сохтори марказии Сарраёсати ичрои чазои чиноятии Вазорати адлияи Чумхурии Точикистон тагйироти чиддии кадрӣ сурат гирифтанд.
Пешвои миллат, Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Рахмон холати вокеӣ ва камбудиву норасоӣ дар фаъолияти рохбарон ва хизматчиёни вохиду сохтори низомиро тахлилу баррасӣ намуда, дар назди хар як рохбар ва масъули соха чихати ислохи саривактии камбудихои чойдошта вазифахои мушаххас гузоштанд.
Таъкид гардид, ки фаъолияти шаффоф ва дар чорчӯбаи конун ба рох мондани фаъолияти кории хизматчиёни низомӣ ва давлатӣ аз хисси баланди ватандӯстӣ ва масъулиятшиносии хар як мутахассис вобастагӣ дорад.
Зимни сухбат Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон, хамчунин, аз шароити хубу мусоиди таълиму тарбия, обутоби бадан дар кисмхои низомӣ ва дигар чузъу томхои харбӣ таъкид карда, барои пурра решакан кардани омилхои номатлуб, аз кабили ришваситонӣ, зӯроварӣ, тасарруфи молу ашёи давлатӣ ва мубориза бар зидди омилхои конунвайронкунихо ба масъулони соха супоришхои катъӣ ва мухлатнок доданд.